«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон
д.и.и., профессор Файзулло М.Қ.
_______________
«____» _____________ 2025.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи “Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

## I. Мубрамият ва аҳамияти мавзуи интихобшуда

Таҷрибаи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии хоҷагии ҷаҳон нишон медиҳад, ки шароити фаъолият барои тамоми субъектони хоҷагидор торафт мушкил мегардад. Ин раванди рушдёбанда бо бисёр омилҳои макро ва микромуҳит алоқаманд дониста мешавад. Илова бар ин талаботи аҳолӣ барои истифодаи неъматҳои моддию маънавӣ пайваста дар ҳоли афзоиш аст. Мусаллам аст, ки дар чунин шароит пайдо ва истифода бурдани механизми ҳамкории судманди ҷонибҳо аз ҷумлаи ҳадафҳои асосӣ қарор мегирад. Тибқи таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон истифодаи механизм ё институти шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз ҷумлаи воситаҳои муҳими ҳамгироии тамоми имкониятҳо бо мақсади ташкили инфрасохтори зарурии рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккули институти муносибатҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба таъсиси низоми ҳамкории шариконае мусоидат мекунад, ки дар он манфиатҳо ва имкониятҳои ҳарду ҷониб эҳтиром карда мешаванд, илова бар ин инфрасохтори зарурии рушди инсон ва қобилиятҳои созандаи он таъмин карда мешавад. Ба ибораи дигар, институти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати муттаҳидсозии захираҳои моддӣ ва ғайримоддии ҷомеа, давлат (субъектони маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ), ва бахши тиҷоратӣ дар асоси аҳдномаи дарозмуддат ва мутақобилан судманд заминаи устувор ва шароити мусоид фароҳам месозад.

Ташкили фаъолияти шариконаи судманд асоси рушди ҷонибҳо буда метавонад, хусусан дар ҳоле, ки талаботи ташаккул ва рушди инфрасохтор вуҷуд дошта бошад. Илова бар ин, дар минтақаҳои алоҳидаи

ҷумҳурӣ, ки бо махсусиятҳои сохтори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва географӣ тафовут доранд, истифодаи механизми мазкур самаранок арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин муаллиф бисёр хуб қайд намудааст: «Масъалаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо якчанд сабабҳо муҳим ва мубрам ба шумор меравад: рушди инфрасохтори минтақавӣ, беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳо, ҳавасманд гардидани раванди фаъолияти инноватсионӣ, коҳиш ёфтани сарбории буҷет, суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо ва ғ. Ҳамаи ин ҷанбаҳо муҳиммияти мавзуи шарикии давлат ва бахши хусусиро дар ноҳияҳои тобеи нишон дода, ҷиҳати муайян намудани истифодаи оқилонаи модели ҳамкорӣ бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбат ва самаранокии максималии ҷамъиятӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад».

Дарвоқеъ масъалаи мазкур дар шароити феълӣ мубрам буда, дар ташкили ҳамкории судманд байни ҷонибҳо ва ташкили инфрасохтори зарурии рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ замина гузошта метавонад.

## II. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 2; 8; 14 ва 15-и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, мувофиқат менамояд.

## III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Кори диссертатсионии мавриди назар фарогири муҳимтарин масъалаҳои ташкили фаъолияти судманди шарикона миёни давлат ва бахши хусусӣ буда, бо мақсади ташкили инфрасохтори зарурии рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳқиқоти хуб анҷом дода шудааст. Мавриди зикр аст, ки саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ бо он ифода меёбад, ки ҳангоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои боэътимоди назариявӣ, омори дахлдор ва мисолҳои мушаххас аз таҷрибаи тавлатҳои пешқадам истифода намуда, роҳҳои асосии амалигардонии сиёсати рушди минтақавии давлатро тавассути истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ нишон додааст. Муаллиф тасдиқ намудааст, ки дар шароити маҳдудияти захираҳо, афзоиши талабот ва таҳдиду хатарҳои зиёд барои бахши давлатӣ ва хусусӣ ягона фишанги муҳими кафолати баробарӣ дар фаъолият, ин институти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба шумор меравад.

Натиҷаҳои илмӣ ва амалии ба дастомада дар ҷалби сармоягузории рушди минтақа, рушди инфрасохтори иқтисодиёт ва ҳавасмандгардонии ҳамкории институтсионалии минатқаҳои ҷумҳурӣ заминаи устувор гузошта метавонад.

Таҳқиқоти барои ташхис пешниҳодшуда аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳод, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт бо шумораи 187 номгӯй иборат мебошад. Диссертатсия аз 5 диаграмма, 18 расм, 16 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд(саҳ. 4-13).

**Дар боби якум – «Ҷанбаҳои назариявии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити муосир»** маҷмуи масоили алоқаманд бо асосҳои назариявии равишҳои иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, принсипҳо ва маделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин Таҷрибаи хориҷии ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа баррасӣ ва омӯзиш шудааст(саҳ. 14).

Дар доираи зербоби якуми боби мазкур муаллиф дар асоси омӯзиш ва баррасии равишҳои гуногуни илмӣ, мафҳум ва моҳияти шарикии давлат ва бахши хусусиро дар сохтори муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ мавриди муқоиса ва арзёбӣ қарор дода, қоидаи муаллифии худро ҷиҳати ифодаи моҳияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ҷадвали 1.1. “Шарҳи мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар адабиёти ватанию хориҷӣ” ба чунин тарз пешниҳод намудааст: “Шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ – намуди ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо субъектҳои иқтисодӣ, шаҳрвандон ё иттиҳодияҳои онҳо, дар заминаи муттаҳидсозии захираҳо, воситаҳо, моликият, кӯшишҳо ё имкониятҳое, ки ба амалисозии сиёсати минтақавӣ, қонеъгардонии талаботи ҷамъиятӣ, таъсисдиҳии объектҳои муҳимми иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёни шарикӣ ва ҳалли дигар вазифаҳои муҳимми иқтисодии давлат ва бахши хусусӣ бо истифодаи аз фишангҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад”. (саҳ. 26 )

Илова бар ин дар асоси таҳлили қиёсии қоидаҳои мавҷуда муаллиф таснифоти бартариятҳои ҳамкорӣ дар асоси шарикии давлат ва бархи хусусиро барои иштирокчиён дар раси 1.1. пешниҳод намудааст. (саҳ.26 )

Дар зербоби дуюми боби мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки маҷмуи принсип ва моделҳои мавҷудаи шарикии давлат ва бахши

хусусиро дар таҷрибаи фаъолияти минтақа ва давлатҳои муваффақ омӯхта, шароити ҳамкории мусоидро барои бахши давлатӣ ва хусусии ҷумҳурӣ пешниҳод намояд. Дар асоси ба эътибор гирифтани махсусиятҳои принсипҳои омӯхташуда дар диссертатсия нақшаи пайдарҳамии амалишавии самараноки лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар расми 1.2. нишон додааст. (саҳ. 48)

Дар зербоби сеюм бошад таҷрибаи давлатҳои пешрафтаро, ки дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ташкил ва рушди инфрасохтори иқтисодию иҷтимоии давлати худ муваффақ шудаанд, таҳлил ва баҳогузорӣ намуда, вобаста ба ин барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он истифодаи механизми мазкурро дар соҳаи тандурустӣ, роҳсозӣ, маориф, таъмини барқ ва ба инҳо монанд баҳои баланд додааст.

**Дар боби дуюм – «Таҳлил ва арзёбии фаъолияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар НТҶ»** таҳлили ҳолати кунунӣ ва ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа, арзёбии иқтисодии вазъи иҷрои ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа ва муаммоҳои истифодаи фишангҳои иқтисодии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ анҷом дода шудааст(саҳ. 81).

Дар зербоби якуми боби дуюм муҳити институтсионалӣ, иконияҳои ташкил ва амалигардонии лоиҳаҳо (расми 2.2.), ҳолати феълии лоиҳаҳои калони ҷории шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар мисоли фаъолияти Помир -Энерҷӣ, Сангтуда 2, лоиҳаҳои роҳсозӣ ва ғайра мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор додааст. Муаллиф бисёр хуб хулоса намудааст, ки "...масъалаи ташвишовар он аст, ки то ҳанӯз дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ мониторинги баҳогузории самараноки лоиҳаҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусуӣ вуҷуд надошта, дар мавриди баҳогузорӣ ва муайян намудани асарбахшии таъмиру таҷдид ва истифодаи инфросохтори иҷтимоӣ мушкилӣ ба миён меояд".(саҳ.87)

Дар зербоби дуюми боби дуюми ҳолати кунунии ташкил ва иҷрои ҳамкориҳо дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил шуда, байни минтақаҳо вобаста ба нишондиҳандаҳои мавқеи ҷойгиршавӣ, шумораи лоиҳаҳо, ҳаҷми сармоягузорӣ, объекти инфрасохтор ва дигар афзалиятҳои минтақавӣ таҳлил анҷом дода шудааст. Мутобиқи таҳлили муаллиф ҳар минтақа вобаста ба талаботи аҳолӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ метавонад зарурати ташкили шарикиро дар объектҳои гуногуни инфрасохтори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта бошад.

Илова бар ин муҳити ташкили фаъолият дар асоси ШДБХ тавассути истифодаи пурсиш (ҷадвали 2.3.) ва модели SWOT-таҳлил (ҷадвали 2.5.) баҳогузорӣ шудааст.

Дар зербоби сеюми боби мазкур бошад истифодаи фишанг ва моделҳои ташкили ҳамкории шарикона дар асоси талаботҳои лоиҳаи ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо таваҷҷӯҳ ба талаботи минтақа баҳогузорӣ шудааст.

**Дар боби сеюм – «Такмили механизмҳои сиёсати минтақавии давлатӣ дар самти шарикии давлат ва бахши хусусӣ»** маҷмуи масъалаҳои алоқаманд бо омузиши самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа, такмили механизмҳои сармоягузории рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа ва дурнамои иҷрои лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушд ва баробарии минтақаҳо таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд(саҳ. 133).

Дар зербоби якуми ин боб рушди илм ва инноватсия барои рушди минтақа ҳамчун самти афзалиятнок интихоб гардида, истифодаи захираҳо дар асоси лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ тавсия шудааст, ки механизми ташкили он нишон дода шудааст (расми 3.1.). Илова бар ин ҷиҳати рушди босуръати иқтисодиёти минтақа пай дар пай самтҳои авлавиятдошта ҷудо гардида, вазифа ва қоидаҳои ҳамкорӣ байни субъектони сатҳи давлатӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ ва бахши хусусӣ муайян карда шудааст (ҷадвали 3.1.).(саҳ.147).

Дар зербоби дуюми боби сеюм бо мақсади такмил ва истифодаи оқилонаи фишангҳои сармоягузорӣ дар доираи лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, махсусиятҳои минтақа ба эътибор гирифта шуда, маҳакҳои муқоисавӣ ва баҳогузории он дар ҷадвали 3.2. пешниҳод шудааст. Тибқи хулосаи холгузории ҷадвали мазкур комбинатсияи шакл ва объекти сармоягузорӣ дар шароити минтақа интихоб карда шешавад.

Зербоби сеюм бошад тибқи талаботи мавҷуда ва механизмҳои тавсияшуда, дурнамои чорабиниҳои давлатӣ дар самти рушди фаъолияти муштарак дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ, ки дар Стратегияи миллии рушд то соли 2030 нишон додашудаанд, коркард ва пешниҳод шудааст (расми 3.5.). (саҳ. 170)

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳои хусусияти амалидошта оварда шудаанд. (саҳ. 48).(177-181).

Таҳлили кори диссертатсионии тақризшаванда нишон медиҳад, ки натиҷаҳои ба дастомада дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ

мебошанд. Дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқот бо гузаронидани тачрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳачми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натичаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳодҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натичаи таҳқиқоти назариявӣ ва тачрибавӣ, асос мeёбанд.

## IV. Натичаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дарачаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст

Навгониҳои таҳқиқоти илмӣ бо таваччуҳ ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи назди таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки натичаи ниҳоии онҳо ба таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа тавассути такмили амалигардонии сиёсати давлатии фишанги шарикии давлат ва бахши хусусӣ нигаронида шудааст, ки аз чунин унсурҳои навгонии илмӣ ташкил ёфтаанд:

1. Тавассути омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва назарсанчию хулосабарории илмӣ чанбаҳои муҳими назариявию методии моҳияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар низоми ҳамкории муштараки институтсионалии муташаккили давлат ва бахши тичорат муайян карда шудааст. Дар натичаи таҳқиқот мачмуи муҳимтарин масоили алоқаманд бо таъмини манофеи баробари чонибҳои ҳамкор, авлавиятҳои ҳамкории шарикона, истифодаи мақсадноки захираҳои моддию манъанвӣ дар раванди фаъолият, тақсими одилонаи хавфҳо, мубодилаи тачриба ва кумаки комплексии раванди фаъолияти чонибҳо арзёбӣ гардида, дар ин замина самтҳои баланд бардоштани самаранокии рушди иқтисодиёти минтақа муайян карда шудааст, ки албата асоси онро намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар тавлиди молу хизматрасониҳо ва рушди сифати зиндагии аҳолӣ ташкил медиҳад;

2. Дар натичаи таҳқиқот асоснок карда шудааст, ки дар низоми муносибатҳои иқтисодию ичтимоӣ барои рушди минтақа мачмуи соҳаҳое вучуд доранд, ки зиёд намудани ҳиссаи бахши хусусӣ афзалияти бештар дорад, ба монанди соҳаи энергетика, шоҳроҳҳои автомобилӣ, роҳи оҳан, таъмини газ, об ва гармӣ, хочагии коммуналию манзилӣ, хочагии деҳот, тандурустӣ, илм ва инноватсия, маориф, ва ғайра Илова бар ин, қайд шудааст айни замон онҳо зарурати ба ташаккул ва истифодаи фишангҳои сиёсати давлатӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусиро доранд.

Ҳамзамон исбот намудааст, ки асоси фаъолияти асарбахши соҳаҳои муҳими мавриди назарро, ин алоқаи байниҳамдигарии давлат ва тиҷорат ташкил намуда, истифодаи мақсадноки принсипҳо ва шаклҳои мутобиқшудаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ муҳим ба шумор меравад.

3. Натиҷаи таҳқиқот муайян намудааст, ки дар чорчубаи ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ асоси фаъолият ва рушди объектҳои инфрасохторро, ин тақсимоти одилонаи ҳуқуқҳои моликиятдорӣ ватаъсири омилҳои рушди мутақобилаи бизнес-сохтор ташкил медиҳад. Илова бар ин муайн шудааст, ки новобаста аз дарки муҳимияти масъала, тақсимоти онҳо иҷборӣ набуда, ҷонибҳо метавонанд дар асоси амали ихтиёрӣ бо назардошти махсусияти объект ва сатҳи татбиқи он (миллӣ ва минтақавӣ) қарори ҳамкориро таҳия ва қабул намоянд. Бахши давлатӣ баъзе афзалиятҳои иқтисодӣ ва шартномавии муайянро ба бахши хусусӣ пешниҳод менамояд ва дар натиҷа самаранокии рушди иқтисодии минтақаи алоҳида аз ҳисоби намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ баланд бардошта мешавад, ки дар онҳо ҳиссаи бахши хусусӣ бояд бештар карда шавад.

4. Дар чорчубаи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи махсусиятҳо ва сабабҳои рушди фаъолияти муштарак дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо таваҷҷуҳ ба таҳлил ва муқоисаи таҷрибаи хориҷӣ ҳадафмандона анҷом дода шудааст. Натиҷаи арзёбии шакл ва принсипҳои истифодашудаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар таҷрибаи хориҷӣ, имконият ва авлавиятҳои зиёд намудани ҳиссаи бахши хусусиро дар раванди фаъолият муайян намудааст.

5. Мутобиқ ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташудаи назди таҳқиқот унсури муҳим ва навбатии навгонии илмӣ бо он алоқаманд дониста мешавад, ки бо мавқеъгирии мушкилот ва имкониятҳои ошкоршуда, ҷиҳати ташаккул ва такмили пайвастаи муҳити созгори институтсионалии фаъолияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ коркард ва тавсия шудааст. Тасдиқ шудааст, ки тақсимоти захираҳо, масъулияти иштирокчиёни раванд, муайян кардани сатҳи рушди иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ аз заминаи меъёрии муайяншуда вобастагии калон дорад. Бо назардошти ин меъёрҳои нав ва иловагии ташаккулдиҳандаи фазои мусоиди ҳамкории институтсионалӣ пешниҳод шудааст.

6. Мутобиқ ба муҳтавои натиҷаи таҳқиқот дар доираи унсури ниҳоии навгонии илмӣ маҷмуи тавсияҳои муфид оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии амалигардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷалб ва ҳамоҳангсозии ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ дар

доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аз байн бурдани қарздоршавии бахши хусусӣ дар назди муассисаҳои давлатӣ, таъмин намудани кафолати буҷетӣ ва таъмини иҷроиши самараноки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа коркард ва тавсия шудааст. Илова бар ин дар робита ба низоми идоракуни ва танзими ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ тавсияҳо коркард шудааст, ки истифодаи самараноки иқтидорҳои иқтисодӣ, алоқамандӣ ва ҳамбастагии омилҳои истеҳсолот, роҳҳои танзими талабот ва пешниҳод дар бозорҳои минтақавӣ, дарёфти усулҳо ва роҳҳои таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа вобаста ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мувозинати сатҳи нархҳо дар сатҳи минтақавӣ ва самаранокии иқтисодиро имконият медиҳанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои комёбшудаи муаллиф хулоса намудан мумкин аст, ки маҷмуи навгониҳои илмию назариявии таҳқиқот ҳангоми таҳияи матни лексияҳо, монографияҳо, воситаҳои таълимӣ, мақолаю фишурдаҳои илмӣ истифода шуда метавонанд. Илова бар ин натиҷаҳои бадастомада аз нигоҳи самараи амалии кор метавонанд дар ташаккули сифати тадрис дар раванди таълим, таҳияи барномаю стратегияҳои сатҳи ҷумҳуриявию минтақавӣ, инчунин қаабул ва амалигардонии қарорҳои судманди ташкил ва идоракунӣ мақсаднок истифода карда шаванд. Мавриди зикр аст, ки бо таваҷҷуҳ ба муҳимияти институтсионалии натиҷаи таҳқиқот натиҷаҳои он дар раванди фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ”, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истифода шуда метавонанд.

## V. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Чуноне ки аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи унвонҷӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд.

Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 8,2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Автореферат ва корҳои илмии муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқоти анҷомшударо инъикос менамоянд.

## VI. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ

Дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудӣ ва норасогиҳо ба чашм мерасанд, ки ма андешаи мо ислоҳи онҳо ҷиҳати бозҳам беҳтар шудани арзиши илмию амалии рисолаи мавриди мусоидат карда метавонанд:

1. Ҳангоми таҳлил ва арзёбии таҷрибаи хориҷӣ хуб мешуд, ки тавозуни рушди баробари минтақаҳои давлатҳои омухташударо то истифодаи ШДБХ ва баъд аз истифода таҳлили қиёсӣ мегузаронд.

2. Агар муаллиф талаботи минтақаҳои ҷумҳуриро бо назардошти соҳаҳои сармояталаб тавассути фоиз мушаххас мекард, хуб мешуд. Аниқтараш ҳисоб менамуд, ки соҳаи тандурустӣ ё маорифи минтақаҳо айни замон ба чанд фоиз сармоягузорӣ ниёз доранд.

3. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия роҷеъ ба масъалаи мушкилоти институтсионалӣ ва механизмҳои бартараф намудани он пешниҳодҳои мушаххас тавсия менамуд.

4. Муаллиф агар роҷеъ ба масъалаи истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар таъмини рақамикунонии низоми идоракунии минтақа таҳқиқот анҷом медод ва тавсияю пешниҳодҳо коркард менамуд, хело хуб мешуд.

5. Хуб мешуд агар муаллиф натиҷаи дурнамои рушди соҳахои алоҳидаро баъди истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ коркард ва пешниҳод мекард.

Камбудӣ ва эродҳои дар боло овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навоварии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

**VII. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Кори диссертатсионии Зоҳири Тоҷиддин кори анҷомшудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад ва ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии минтақаи интихобшуда саҳми арзишманд гузошта метавонад.

Хулоса, кори диссертатсионии Зоҳири Тоҷидин, ки дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси

шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Зоҳири Тоҷидин сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (салвянии) Россия ва Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯйи тасдиқи тақризи муассисаи пешбар: тарафдор - 9 нафар; зид – нест; бетараф – нест (с/м №8/1 аз 03.03.2025).

**Раисикунандаи ҷаласа:**
мудири кафедраи Менеҷмент ва
маркетинги Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон н.и.и., дотсент **Салиева Н.Ш.**

**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва
маркетинги Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон **Шарипов С.Ш.**

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., ассистенти кафедраи менеҷмент ва
маркетинги Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон **Сахибов Е.Н.**

Имзоҳои Салиева Н.Ш., Шарипов С.Ш., ва Сахибов Е.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДСРТ **Раҳимов А.А.**

*Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, к. Мирзо Турсунзода 30*
*Тел.: (+992) 37 221-35-50*
*E-mail: p.rektora@mail.ru*
*Сомонаи расмӣ: https://www.rtsu.tj/*